**Тақризи**

мушовири илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи "Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2020. – 194 с.)

Таъсиси давлатдории миллии тоҷикон махсусан дар оғози ҳазорсолаи нав, дар шароити бухрони бошиддати иқтисодию сиёсӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, муташанниҷ гардидани авзои ҷомеъаи ҷаҳонӣ ва минтақа, ба марҳилаи фаъол дохил гардидани муборизаи абарқудратҳо ва марказҳои нави қувваҳо рост омада, ин ҷараёнро бо чандин душвориҳо рӯ ба рӯ намуд. Махсусан ҷараёни ҷаҳонишавӣ сабаби аз байн рафтани даххо забону фарҳанг ва халқиятҳои камшумор гашта, дар кишварҳои гуногун хатари он баръало эҳсос мегардад. Тоҷикистон, ки дар ҳайати давлати ягонаи Шӯравӣ аз рақобату нестшавӣ паноҳ бурда, танҳо зиёда аз бисту нуҳ сол мешавад, ки ба роҳи Истиқлол қадам мезанад, барои воқеъан истиқлолият пайдо намудан вазифаҳои зиёдеро бояд амалӣ созад. Яке аз роҳҳои истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ пайдо намудан – ба худшиносии миллӣ ва ифтихори миллӣ рӯ овардан аст. Аз ҷанбаи ғоявӣ устувор намудани хотираи миллӣ, ифтихороти миллӣ ва ба ҷаҳониён шиносонидани бузурмардони миллат заминаи эътирофу эътиқодмандии миллату кишварҳои дигар ба кишвари мо мегардад. Аз ин сабаб, мавзӯи пешниҳодгардида барои дифо мавзӯи актуалӣ мебошад, чунки Абуалӣ Муҳамамад ибни Мискавайҳ на танҳо дар замони гузариш ҳаёт ба сар бурда андешаҳои он замонаро пешниҳод намудааст, балки мутафаккире мебошад, ки дар самти таълимоти сиёсию ҳуқуқӣ ақоиди бикр ва пурарзишеро аз худ боқӣ гузоштааст.

Мискавайх мутафаккири бузурги тоҷик муаллими сонӣ ном гирифта дар илми ахлоқ ва ҳуқуқ осореро боқӣ гузоштааст, ки минбаъд заминаи тарбияи наслҳои нави мутафаккирон, аз ҷумла Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон мегардад.

Рисолаи пешниҳодгардида иборат аст аз муқаддима, ду боб, ки дар маҷмӯъ ҳафт зербобро фаро мегиранд, хулоса ва руйхати сарчашмаҳои истифодагардида.

Дар боби аввали диссертатсия афкори ахлоқию ҳуқуқии мутафаккир ва дар боби дуюми он таълимот оид ба ҷомеъа, ҳокимият ва давлат мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки Мискавайҳ чун муаллими ахлоқ дар Шарқи исломӣ ва берун аз он шӯҳрат дошта, минбаъд асарҳои ӯ аз ин нуқтаи назар таҳлил шудаанд, аз ин сабаб, таълимоти сиёсию ҳуқуқии мутафаккир то имрӯз ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор наёфта буданд.

Таҳқиқу омӯзиши мавзӯи мазкур кори осон набуд, вале унвонҷӯ тавонистааст дар давоми фаъолияти бисёрсолааш таҳқиқоти пурмаҳсули илмӣ анҷом дода, ба мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташуда расад.

Диссертатсия ва навовариҳои дар он пешниҳодгардида далели гуфтаҳои мо мебошад. Унвонҷӯ Қодирзода С.М. осори Мискавайҳро бо мутафаккирони дигар, аз ҷумла мутафаккирони хориҷӣ муқоиса намуда, монандӣ ва фарқияти онҳоро ошкор кардааст. Масалан дар фарқият аз мутафаккири рус Илларион (асриXI) Мискавайҳ  чунин андеша баён намудааст, ки "хушбахтии (саодати) ҳақиқӣ насиби он касе мешавад, ки аввал ҳуқуқ (шариат)-ро азбар намуда, худро бо он комилан мутобиқ созад ва тибқи  аҳкоми он амал кунад,  сипас, замоне, ки ба булуғи ақлӣ ва рушди комил расид, бояд ҳикматро биёмузад ва онро хуб дарк кунад. Ин андешаи Мискавайҳ дар замони муосир низ аҳамияти амалии худро гум накардааст, зеро ба инсон зарурияти аввал ба камолоти ахлоқӣ расида, рафтори худро бо меъёрҳои ҳуқуқии ҳукмрон дар ҷомеа созгор намудан, сипас илму таҷрибаи гуногун азбар намуданро талқин мекунад.

Мискавайҳ кушиш намудааст, ки омилҳои пайдоиши ҷомеаро ошкор созад. Тибқи таълимоти ӯ ин омилҳо иборатанд аз табиатан маданӣ ва иҷтимоӣ будани инсон, адолати илоҳӣ, таҳсили фазоил, камолот, тарс ва ночории фарди алоҳида, нотавонии инсон дар муқобили табиат ва пешгирӣ аз зулму ситам, ки "ҳамагӣ даст ба дасти ҳам дода, ҷамъияти инсониро ба вуҷуд овардаанд".

Мискавайҳ яке аз мутафаккирони мусалмон аст, ки рушди таърихиро эътироф дорад ва марҳилаҳои онро номбар менамояд. Оид ба падидаҳои муҳимтарини таълимоти Мискавайҳ агар мухтасар гуем, пайдоиши ҳокимият, намудҳои ҳокимият, мавқеи принсипи адолат дар ҷомеъа ва дар сиёсату давлатдорӣ, падидаи назорати халқ аз болои ҳокимият, вобастагии давлат аз ҳуқуқ, дар сурати иҷро накардан ё суиистифода аз ҳокимият ба халқ додани ҳуқуқи зиддияту инқилоб аз муҳимтарин мавзӯҳои таҳлилнамудаи мутафаккиранд.

Мискавайҳ иштироки фаъолонаи мардумро дар идоракунии давлат талаб намуда, онро рафтори зарурии шаҳрвандон (раийат) мешуморад. Аз назари ӯ инсон, ки мавҷуди табъан мутамаддин ва иҷтимоӣ аст, барои расидан ба ҳадафҳои худ бояд ҳамроҳи ҷамъият (иҷтимоъ), бо риояи қонунҳо, барои сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар идоракунии давлат иштирок намояд. Мутафаккир ҳудуди фаъолияти давлат, принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахсият, масъулияти шахсият (фард)-ро нисбат ба ҷомеа ва давлат муайян кардааст: "Ҳукумат наметавонад фардро ба коре бархилофи дастуроти қонун (қонунҳои амалкунанда) маҷбур кунад ва фард ҳам наметавонад аз ҳокимият чизеро талаб кунад, ки хориҷ аз ин чаҳорчӯбаи ҳуқуқ бошад. Ҳам ҳокимияти давлатӣ ва ҳам мардум вазифадоранд, ки дар тамоми рафторҳо ва тасмимоти худ адолат ва инсофро риоя кунанд".

Падидаҳои номбаршуда барои ҳама замону марҳилаҳои давлатдорӣ ва махсусан дар шароити имрӯза низ мубрам мебошанд, чунки ҷанбаҳои муҳимтарини муносибатҳои ҷамъиятӣ, сиёсию ҳуқуқиро дар бар мегиранд.

Унвонҷӯ аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад ба таври фаровон истифода бурдааст, ки он имкон додааст, то ин ки хулосаҳои объективонаи илмӣ таҳия намояд.

Андешаҳои унвонҷӯ дар баромадҳояш дар конфронсҳои илмӣ, муҳокимаҳо, дар мақолаҳои илмиаш инъикос ёфтаанд.

Маводи пешниҳодгардида метавонад дар ҷараёни таълим, дар матни

китобҳои дарсӣ, дар ҷараёни лексия ва семинарҳо истифода гардад.

Рисолаи диссертатсионии Қодирзода С.М. таҳқиқоти комил, хотимаёфта, бо доштани навовариҳо дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло ва дар асоси он, ки диссертатсияи пешниҳодгардида рисолаи комили илмӣ буда, ба таври маҷмӯӣ таълимоти мутафаккирро фаро мегирад, дар заминаи таълимоти муосири илми ҳуқуқшиносӣ таҳия гардида, ба андешаи мо ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи "Низомнома оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ" аз 26 ноябри соли 2016 №505" барои рисолаҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқ аст, он барои ҳимоя тавсия мегардад.

Ба ҳайси мушовири илмӣ диссертатсияи илмии мазкурро ҳамчун таҳқиқоти комилу хотимаёфта эътироф намуда, онро шоиста барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мешуморам.

Э.Б. Буризода,
Мушовири илмӣ,
Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рудаки 33.
Тел: (992) 907-82-90-91
E-mail: buriev-68@mail.ru

Имзои Буризода Э.Б.-ро тасдиқ менамоям.
ш/к